**Ба Шӯрои диссертатсионии**
**6D.КОА-004 дар назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Набиев Баҳодур Аҳмадович дар мавзӯи «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплексҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисод ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) пешниҳод карда шудааст.**

Автореферати тақризшаванда аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Набиев Баҳодур Аҳмадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба баррасии масъалаи мубрами дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба андешаи мо, муаллиф предмет, ҳадафҳо ва масъалаҳои пажуҳишро дуруст муқаррар намудааст. Муаллифи диссертатсия ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда дар маҷмуъ ноил гардидааст.

Аз рӯйи муҳтавои автореферати диссертатсия, асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаву пешниҳодоти манзуршуда бо ҳуҷҷатҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили асарҳои илмии олимон-иқтисодчиён ва маводи конфронсҳои илмӣ, инчунин маводҳои нашриёти расмии оморӣ тасдиқ гардидааст.

Дар автореферат кори диссертатсионии Набиев Б.А. ҳамчун кори мукаммал ва мантиқан анҷомёфта пешниҳод гардиааст, ки дорои аҳамияти амиқи илмӣ мебошад. Тавсияҳо ва хулосаву пешниҳодоти аз ҷониби муаллифи диссертатсия манзуршуда бе шубҳа ба мукаммалсозии механизми фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплексҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда метавонанд.

Дар автореферати диссертатсия хулосабарорӣ карда шудааст, ки стратегияи рушди иқтисоди миллӣ таъмини даромаднокии доимиро аз ҳисоби ҷалби сармоягузорӣ ва афзоиши ҳаҷми захираҳои сармоягузорӣ, асоснок мекунад. Дар ин ҷо рушди иқтисодӣ пеш аз ҳама аз ҳисоби фаъол кардани фаъолияти сармоягузорӣ дар раванде, ки мақсадҳои дарозмуддати стратегӣ амалӣ мешаванд, таъмин мегардад. Ҳамин тавр рушди ҳаҷми сармоягузорӣ дар соҳаи энергетикаи Тоҷикистон аз ҳисоби танзими давлатӣ, ҳамчун сарчашмаи амалишавии мақсадҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад, таъмин карда мешавад (саҳ. 10).

Далелҳои муаллифи диссертатсия қобили дастгирӣ мебошанд, ки усули аз ҳама муҳимми таҳқиқи алоқамандиии сармоягузории соҳаи энергетика дар рушди иқтисодӣ моделсозии эконометрикӣ мебошад, ки имкон медиҳад алоқамандии сифатию миқдории онҳо ошкор карда шавад.

Ҳамин тариқ, аз мазмуну мундариҷа ва муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муқаррароти асосии диссертатсия ба интиҳои мантиқии худ расонида шуда, тавсияву пешниҳодоти муаллиф барои амалияи фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплексҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатнок мебошанд. Ҳамчунин диссертатсияи пешниҳодшуда ҳамчун кори анҷомёфта маҳсуб ёфта, дар самти фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплексҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти амалӣ маҳсуб меёбад.

Доир ба сатҳи баланди иҷроиши кор зикр намуда, бояд қайд кард, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ аз камбудиҳо ва норасоиҳои муайян холӣ нест. Ба андешаи мо, ба сифати камбудиҳо нуктаҳои зеринро зикр намудан мумкин аст:

1. Мувофиқи мақсад мебуд, агар, ки муаллиф унсурҳои асосии модели консептуалии ҷалби сармоягузориҳо дар соҳаи энергетикаро бештар шарҳ медод (саҳ. 13);
2. Аз автореферат бармеояд, ки дар диссертатсия таҷрибаи хориҷии ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба комплекси энергетикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аммо имкониятҳо ва самтҳои истифодаи таҷрибаи ин ва ё он мамлакат дар дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод нагардидаанд.

Ёдрас бояд шуд, ки камбудиҳои зикршуда хислати тавсиявӣ дошта, сатҳи баланди иҷроиши таҳқиқот ва аҳамияти амаливу назариявии кори мазкурро кам намегардонанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Набиев Баҳодур Аҳмадович ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисод ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) мувофиқат намуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда, муовини ректор оид ба робитаҳои хориҷии МДТ "Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат", н.и.и.** **Ҷабборов Ф.А.**

*Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, х. Борбад 48/5,*
*Тел: (+992) 93 488 86 60*
*E-mail: fathullo_a@mail.ru*

**Имзои Ф.А. Ҷабборовро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат** **Ҷураев Ш.Н**